

# Бахши VII

## ТАВСИЯҲО

## Бахши 7. Тавсияҳо

### 7.1 Тавсияҳо барои волидон

Волидони азиз! Иҷозат диҳед ба Шумо дар бораи чунин як падидае ба монанди кибербуллинг маълумот диҳем. Ин яке аз намудҳои ҷиноятҳои Интернетӣ мебошад, ки бинобар рушди технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ васеъ паҳн шудааст. Кибербуллинг (cyberbullying) - ин озору азияти маҷозӣ аст, ки аксар вақт ба наврасон тааллуқ дорад. Ин падида номи худро аз калимаи англисии bull - барзагов гирифтааст. Кибербуллинг як шакли озору азиятест, ки дар он паёмҳои видеоӣ, аксҳо, таҳдидҳо ва ҳамлаҳои таҳқиромез дар шабакаи ҷаҳонии Интернет нашр ва паҳн карда мешаванд. Ин вазъият барои наврас аксар вақт стресс эҷод мекунад, чунки маълум нест, ки ин авбошони Интернетӣ киҳо ҳастанд ва иштирокчиёни ин намуди зӯровариро манъ кардан имкон надорад.

Бояд қайд кард, ки кибербуллинг мисли таҳқир воқеӣ хатарнок аст. Буллинги воқеӣ чунин ҳолатест, ки кӯдакони калонсол ё қавитар кӯдакони хурдсол ё заифтарро азият медиҳанд. Ин муноқиша вақте ба поён мерасад, ки кӯдак аз мактаб ба хона баргардад. Кибербуллинг ҳамеша идома дорад: технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ қисми таркибии ҳаёти наврасони муосир мебошанд ва аз ҳамлаҳои сайберӣ пинҳон шудан ғайриимкон аст. Барои шӯрапушти сайберӣ мушакҳои қавӣ ва қадди баланд доштан лозим нест, танҳо воситаҳои техникӣ, вақт ва хоҳиши тамасхуру таҳқир кардани ягон кас лозим ҳасту халос. Тафовути кибербуллинг аз рафтори хашмгини анъанавӣ бо хусусиятҳои муҳити Интернетӣ вобаста аст: номуайянӣ, қобилияти тақаллуби далелҳо, ҳузури аудиторияи васеъ, имконияти ба ҷабрдида дар ҳама ҷо ва ҳар соат расидан. Масъалаи раҳоӣ аз ин вазъ ҳалношуда боқӣ мондааст, зеро волидон тасодуфан ё дер дар бораи далели кибербуллинг мефаҳманд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаҳои ҳуқуқие мавҷуд нестанд, ки таҷовузкорон ва қурбониёни кибербурллингро муайян кунанд. Аммо ҳузури кодексҳои маъмурӣ ва ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки ҳам зиндагии воқеӣ ва ҳам маҷозиро ба танзим медароранд, қайд бояд кард.

Волидон бояд барои пешгирии кибербуллинг, қатъ кардани он ё рафъи оқибатҳои он чӣ кор кунанд, чӣ гуна нишонаҳои мавриди ҳамлаи сайберӣ қарор гирифтани кӯдак муайян карда мешаванд?[12]

Пеш аз ҳама, бояд нисбати фарзанд ва фаъолияти маҷозии ӯ бодиққат будан лозим аст. Нишонаҳои мавриди кибербуллинг қарор гирифтани кӯдак гуногун аст, аммо чанд ҳолатҳои муштарак вуҷуд доранд:

- аломатҳои эҳсосотии ивазшавии табъи кӯдак қабл ва баъд аз истифодабарии Интернет;
- қатъ кардани муошират бо дӯстон;
- канорагирӣ аз мактаб ё маҳфилҳои мактабӣ;
- баҳои паст ва иштироки суст дар дарсҳо;
- тундрафторӣ дар муҳити хона;
- пайдо кардани дӯстон ва машғулиятҳои нав;
- тағйирёбии ногаҳонии рафтор.

Калонсолон бояд ба кӯдакон дар бораи рафтори дуруст ва боодобона дар Интернет ва қоидаҳои ҳифзи маълумоти шахсии онҳо нақл кунанд.

Дастрасӣ ба ҷаҳони маҷозӣ танзим, ҷорӣ кардани қоидаҳои возеҳи истифодабарӣ ва фаҳмондадиҳиро талаб мекунад, ки дар кадом ҳолатҳо кадом рафтор муқаррарӣ ҳисобида мешавад ва бехатар хоҳад буд. Унсури муҳими назорати волидайн ҷойгиршавии компютер дар минтақаи умумии истифодашаванда (меҳмонхона, ошхона) мебошад, ки ҳангоми ба кори худ машғул будан, калонсолон тавонанд баъзан вақт вокуниши кӯдакро ҳангоми истифодаи Интернет мушоҳида намоянд ва инчунин назорати дар назди компютер зиёд шиштани кӯдак осонтар хоҳад буд. Таассуроти кӯдакро дар бораи муошират бо воқеияти нав бояд бодиққат гӯш кард, бо сомонаҳо ва технологияҳое, ки ӯ истифода мебарад, бояд шинос шуд. Агар кӯдак пас аз истифодаи Интернет ё хондани СМС нороҳат шавад, аз муошират бо ҳамсолонаш канорагирӣ кунад, хонишаш дар мактаб бадтар шавад, пас, ҳушёр шудан даркор.

Обрӯи онлайнии кӯдакро пайгирӣ кунед - номи ӯро дар системаҳои ҷустуҷӯӣ пайдо кунед.

Агар фарзанди Шумо қурбонии кибербуллинг шуда бошад, муҳим аст, ки далелҳои шаҳодати ин ҳодисаро ҳифз намоед. Бояд паёмҳои воридшударо нусхабардорӣ кунед. Шумо бояд оромиро нигоҳ доред: Шумо метавонед фарзанди худро бо аксуламали шадидатон барои он чизе, ки ба Шумо нишон додааст, бештар натарсонед. Вазифи асосӣ, дастгирии эмотсионалӣ мебошад. Набояд аҳамияти агрессияро нисбати фарзанд нодида гирифт, аммо тарсондан ҳам лозим нест: ба кӯдак эҳсоси онро расонед, ки мушкилиро ҳал кардан мумкин аст. Ҳеч гоҳ кӯдакро барои эътирофаш муҷозот ва фаъолияташро маҳдуд накунед.

Бо фарзанди худ вазъро муҳокима кунед ва ӯро бодиққат гӯш кунед. Қоидаҳои одитарини бехатариро ҳангоми истифодаи шабакаи Интернет такрор кунед, дар бораи пешгирии минбаъдаи кибербуллинг маслиҳатҳо диҳед. Як бор сӯҳбат кардан кофӣ нахоҳад буд: масунияти Интернетӣ- мисли масунияти биологӣ, фавран ташаккул намеёбад ва азнавкунии мунтазамро талаб мекунад.

Инак чанд маслиҳат, ки арзиши додан ба фарзандатон барои рафъи чунин мушкилот доранд:

● Эҳсоси манфии худро ба фазои маҷозӣ напартоед. Бигзор кӯдак пеш аз посух додан ба паёмҳои хашмгин бо калонсолон машварат кунад. Қоидаҳоро ба кӯдакон пешниҳод кунед: пеш аз навиштан ва фиристодани паёмҳо, бояд ором шуд, хашм, кина, ғазаброфурӯ бурд.

● Дар шабакаи ҷаҳонии Интернет обрӯи худро нигаҳ дор, ба таваҳҳуми номаълум фирефта нашав. Гарчанде фазои Интернет ба лутфи номаълумӣ имкониятҳои иловагӣ барои эҳсоси озодӣ ва кушодагӣ фароҳам меорад, кӯдак бояд донад, ки роҳҳои фаҳмидани он мавҷуданд, ки дар паси лақаби мустаъор (никнейм) кӣ меистад. Ва агар амалҳои нодуруст дар фазои маҷозӣ ба зарари воқеӣ оварда расонанд, ҳама чизи махфӣ дер ё зуд маълум мешавад. Интернет таърихеро дарҷ мекунад, ки аз амалҳои оммавии иштирокчиён иборат аст ва обрӯи онлайнии ҳар якеро муайян мекунад. **Доғдор намудани обрӯи худ осон аст, ислоҳ карданаш - душвор.**

● Тасдиқи далелҳои ҳамлаҳоро нигоҳ дор. Агар кӯдак аз паём, расм, видео хеле ғамгин шуд, бояд фавран барои маслиҳат бо волидон тамос гирифт ва кӯдакони

калонсол бояд мустақилона саҳифаро захира кунанд ё чоп кунанд, то ки дар вақти муносиб бо калонсолон машварат кунанд.

- Ба ҳолатҳои ҷудогонаи манфӣ аксуламал нишон надеҳ. Беҳтар аст, ки паёмҳои таҳқиромези якдафъаина, нодида гирифта шаванд: аксар вақт Интернет-авбош, бинобар чунин рафтор, дар марҳилаи аввал аз амалаш даст мекашад. Иштирокчиёни ботаҷрибаи мубоҳисаҳои Интернетӣ чунин қоидаро риоя мекунанд: Усули беҳтарини мубориза бо рафтори номуносиб дар Интернет нодида гирифтани он аст.
- Агар ту шоҳиди озору азиятҳои Интернетӣ гаштӣ, рафтори дуруст чунин хоҳад буд: а) ба муқобили таҷовузкор садо баланд кун, ба ӯ бирасон, ки амалҳои ӯ манфӣ арзёбӣ мешаванд; б) ҷабрдидаро дастгирӣ кун - шахсан ё дар фазои маҷозии оммавӣ, бо таъмини дастгирии эмотсионалӣ; в) ба калонсолон оид ба далели рафтори номуносиб дар фазои Интернет хабар деҳ.
- Авбошони Интернетиро масдуд (блок) кун. Дар барномаҳои табодули фаврии паёмакҳо имконияти бастани паёмҳо аз суроғаҳои мушаххас мавҷуд аст. Таваққуф дар муошират аксар вақт таҷовузкорро аз идомаи амалҳои таҳрикомез бозмедорад.
- Паёмҳои хушунатборро сарфи назар накунед, агар мактубҳои шахси номаълум дар худ таҳдидҳои мунтазам доранд. Дар ин ҳолат, бояд чунин паёмҳоро нусхабардорӣ намуд ва ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ муроҷиат кард. Агар дар сомона маълумоти таҳқиромез гузошта шуда бошад, бояд ба маъмур дар бораи лағв /нест кардани он дархост фиристод.

Калонсолон бояд муаллимонро дар бораи мушкилот огоҳ кунанд; ин ба онҳо имкон медиҳад, ки муноқишаҳоеро дар зиндагии воқеӣ беҳтар пайгирӣ кунанд, ки дар якҷоягӣ бо таҳдидҳои Интернетӣ махсусан хавфноканд.